**Пресс-релиз**
**мизи муддавар оид ба ифтитоњи раванди тањияи Шарњи дуюми ихтиёри миллии Љумњурии Тољикистон баргузор гардид.**

12 декабри соли 2022 таҳти ҳамраисии муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдо Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид ва Ҳамоҳангсози доимии Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон Сезин Синаноғлу бо иштироки вазорату идораҳои дахлдор ва шарикони рушд мизи мудаввар оид ба ифтитоњи раванди тањияи Шарњи дуюми ихтиёрии миллии Љумњурии Тољикистон баргузор гардид.

Солеҳзода А. А. чорабинии мазкурро оѓоз намуда ќайд намуд, ки шарҳи ихтиёри миллї - равандест, ки кишварҳо тавассути он вазъи рушди миллї ва пешравиро ҳамчун љузъи раванди пайгирї ва механизми бознигарӣ дар самти татбиқи Рӯзномаи 2030 арзёбӣ ва пешниҳод менамоянд. Ҳадафи шарҳи ихтиёрии миллӣ таҳкими сиёсати Ҳукумат ва ниҳодҳо барои сафарбар кардани шарикии бисёрҷониба бахри ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор (ЊРУ) мебошад. Барои кишвари мо ин раванди баҳодиҳӣ, таҳлили самтҳои афзалиятноки рушди кишвар, дарки беҳтари таҳаввулоти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ва муайян кардани роҳҳои ҳалли инноватсионии пешбурди сиёсат барои суръат бахшидан ва ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор мебошад.

Дар ин радиф Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин шарҳи ихтиёрии миллии худро соли 2017 барои арзёбии ҳамгироии Рӯзномаи 2030 дар ҳошияи сиёсати миллӣ омода ва пешниҳод намуда буд. Шарҳи аввали ихтиёрии миллии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба решакан кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва милликунонии Ҳадафҳои рушди устувор дар доираи ду ҳадаф калидии стратегӣ, аз ҷумла таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ ва таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасӣ ба ғизои хушсифат баррасӣ гардид.

Дар мизи мудаввар ду масъалаи муњим “Муаррифии Консепсияи Шарњи дуюми ихтиёри миллї ва мундарињаи ќаблии он” аз љониби коршиноси миллї Муминова Ф. М. ва “Муаррифии Наќша чорабинињо доир ба тањияи Шарњи дуюми ихтиёри миллї - 2023” Сардори Сарраёсати Вазорати рушди иќтисод ва савдо Мадљон М. М. мавриди баррасї ќарор гирифт.

Дар фарљоми чорабинї Солеҳзода А. А. ба ањли толор барои иштироки фаъол дар мизи мудаввар изҳори сипос намуд. Инчунин ќайд намуданд, ки њамаи он пешниҳоду таклифҳое, ки аз љониби вазорату идорањои дахлдор ва шарикони рушд шуд, барои мо бисёр муҳим буда, дар мундаричаи шарҳ ба инобат гирифта мешаванд. Чунки доираи васеи машваратҳо дар баробари

таҳлили объективӣ ва ҳамаҷонибаи техникӣ ҷузъи муҳими раванди омода намудани шарҳи ихтиёрии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҳамчун мақоми ҳамоҳангсоз дар ин раванд омодагии худро ҷиҳати ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор изҳор менамояд ва аз ҳамаи шумо вобаста ба ин даъват ба амал меорад.

**Барои маълумоти бештар ба Котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суроғаи шаҳри Душанбе, кучаи Бохтар 37 бо телефони 221-13-53 ва суроғаи электронии ndc.secretariat2021@gmail.com муроҷиат намоед.**